**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 28 ноябри соли 2020 № 647

**ш. Душанбе**

Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030, Нақшаи амалисозии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ва Нақшаи маблағгузории Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

2. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози амалисозии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 муайян карда шавад.

3. Вазоратҳо, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсус ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ҷиҳати амалисозии мақсаду вазифаҳои пешбининамудаи Барномаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд;
- аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ҳар сол то 30 январ ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

4. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

---

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 28 ноября 2020 года № 647

**ш. Душанбе**

О Программе развития государственного языка на 2020-2030 годы

В соответствии со статьей 17 конституционного Закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Программу развития государственного языка на 2020-2030 годы, План мероприятий по реализации Программы развития государственного языка на 2020-2030 годы и План финансирования Программы развития государственного языка на 2020-2030 годы (приложения 1, 2 и 3).

2. Определить Комитет по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан координатором реализации Программы развития государственного языка на 2020-2030 годы.

3. Министерствам и ведомствам, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областям, городу Душанбе, городам и районам, органам самоуправления поселков и дехотов, а также предприятиям, учреждениям и другим организациям, независимо от их организационно-правовой формы и формы собственности:

- за счёт средств государственного бюджета, специальных средств и других источников, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан, предпринять необходимые меры для реализации целей и задач, предусмотренных настоящей Программой;
- о результатах проделанной работы ежегодно до 30 января предоставлять подробную информацию в Комитет по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан.

4. Комитету по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан предоставлять в Правительство Республики Таджикистан ежегодно до 1 марта информацию о ходе выполнения настоящей Программы.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» ноябри соли 2020, № 647

Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (минбаъд – Барнома) ҳадаф, вазифа, самтҳои асосӣ, усулҳои татбиқ ва натиҷаҳои ниҳоии амалисозии сиёсати давлатиро оид ба забон муайян менамояд.

2. Барнома муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ намуда, ба ташаккули забони илм, рушди истилоҳоти тахассусӣ, таҳияи дастурҳо, эҳёи номҳои миллӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ мусоидат менамояд.

3. Барнома ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон равона шуда, барои рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад.

4. Сиёсати давлатӣ оид ба забони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои байналмилалии баробарии забонҳо амалӣ карда мешавад.

5. Барнома ҳамчун ҳуҷҷати дурнамо роҳҳои асосии ҳалли масъалаҳои муҳимро дар самти татбиқи забони давлатӣ муайян намуда, барои таҳия ва нашри фарҳангномаҳо, муҳовараҳо ва маводи таълимӣ мусоидат менамояд.

6. Барнома барои ташаккули худшиносӣ, худогоҳии шаҳрвандон, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва рушди ҷаҳонбинии сиёсиву фарҳангии аҳли ҷомеа таҳия шудааст.



## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

7. Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №335 тасдиқ шудааст, дар 6 самти афзалиятноки пешбурди забони давлатӣ тарҳрезӣ шуда, қисман амалӣ гардидааст ва бинобар ин, зарурати мукаммал намудани он пеш омадааст.

8. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар рушди соҳаҳои илму фарҳанг, сиёсат, иқтисодиёт, муносибатҳои байналмилалӣ ва самтҳои дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

9. Забони давлатӣ дар тақвияту ривоҷи пайвандҳои муштараки фарҳангӣ бо ҷомеаи тоҷикзабони ҷаҳон нақши арзишманд дошта, омили асосии ваҳдату ягонагии сокинони ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

10. Забони тоҷикӣ аз ҷониби давлат ҳимоя гардида, дар таъмини пешрафти бомароми он мусоидат мекунад.

11. Забони давлатӣ дар коргузории расмӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, судӣ, соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, техника, технология, иттилоот ва бахшҳои дигари иртиботӣ (коммуникатсия) истифода мешавад.

12. Забони тоҷикӣ мақоми забони илмро соҳиб шуда, дар доираи меъёрҳои он рисола ва асарҳои илмию таҳқиқотӣ таҳия гардида, корҳои илмии муҳаққиқон бо риояи қоидаҳои имло ва сабку баёни илмӣ омода ва интишор мешаванд. Дар таҳқиқотҳои илмӣ забонҳои дигар низ истифода мегарданд. Фароҳам овардани чунин заминаи ҳуқуқӣ барои рушди забони илм ва истифодаи истилоҳоти илмӣ бо забони давлатӣ мусоидат мекунад.

13. Дар баробари донистани забони давлатӣ аз бар кардани на камтар аз ду забони дигар асоси сиёсати давлат дар бораи забонро ташкил дода, омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои муқоисаи хусусиятҳои овоӣ ва дастуриву луғавии забони тоҷикӣ бо забонҳое, ки мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор доранд, имконият фароҳам меоваранд.

14. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди забони тоҷикӣ як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки дар кишвар барои ҳифзи забони давлатӣ ва забонҳои дигар фазои мусоид ба вуҷуд меоранд. Тадбирҳои мазкур дар роҳи гиромидошту арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ нақши муҳим мебозанд.

15. Барнома риояи ҳатмии мақоми конститутсионии забони давлатиро дар корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият таъмин менамояд.

## 3. МАҚСАДҲОИ БАРНОМА

16. Барнома рушди устувори забони давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, мақсадҳои зеринро дар бар мегирад:

- такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории соҳавӣ бобати татбиқи сиёсати давлатии забон;
- таҳкими эҳтиром ба забони давлатӣ ҳамчун муқаддасоти миллӣ;
- рушди сиёсати давлатии забон ҳамчун омили ҳастӣ ва пойдории давлат;
- нашри Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ташвиқу тарғиби сиёсати забони давлатӣ;
- таъмини рушди ҳамаҷониба ва ҳимояи забони тоҷикӣ;
- боло бурдани нақш ва мақоми забони тоҷикӣ;
- таҳкими мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ;
- истифодаи забони давлатӣ дар тарбияи маънавӣ, фарҳанги худшиносиву худогоҳии ҳар як сокини мамлакат;
- эҳёи арзишҳои маънавӣ, аз ҷумла номҳои тоҷикӣ, номгузории мавзеъҳои таърихӣ, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, хиёбонҳо, кӯчаҳо, муассисаҳои таълимӣ, боғҳои фарҳангӣ ва сарватҳои таърихиву фарҳангӣ бо забони давлатӣ;
- риояи ҳатмии меъёрҳои грамматикаи забони адабии тоҷикӣ;
- ҳифзи забони адабӣ аз ҳар гуна унсурҳои ғайриадабӣ, гуфтугӯӣ ва бегона;
- бозбинӣ ва бозсозии қолабҳои анъанавии забони адабӣ дар заминаи осори хаттӣ;
- танзими истилоҳоти соҳавӣ бо забони давлатӣ;
- тавсеаи нақши таърихии забони тоҷикӣ ва осори он дар ҳамбастагии миллат ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ.

## 4. ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

17. Дар Барнома барои ҳимоя ва рушди забони давлатӣ амалӣ намудани вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- муайян кардани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бораи забони давлатӣ;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории соҳавӣ;
- амалӣ намудани талаботи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва ташкилотҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон дар донистани забони адабӣ;



- риояи меъёрҳои забони адабӣ тавассути воситаҳои ахбори омма;
- экспертизаи лингвистии номгузории шаҳрвандон, забони китобҳои дарсӣ, эълону реклама, маводи иттилоотӣ, номгузории муассиса ва корхонаҳо, тамғаҳои молӣ ва хизматрасонӣ, матни муҳрҳо, марказҳои хизматрасонӣ, нуқтаҳои савдо, матни борпечҳо, борчаспҳо ва ғайраҳо;
- арзёбӣ ва таҳқиқи пайвастаи вазъи забони давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии кишвар;
- тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром ба забони давлатӣ;
- таъсиси махзани иттилоотии забони тоҷикӣ (фарҳангномаҳо, дастурҳои иттилоотӣ) дар китобхонаҳо ва марказҳои дигари тахассусӣ;
- таҳия ва нашри фарҳангномаҳои дузабона, сезабона, тафсирӣ, тахассусии истилоҳот, муҳовараҳо бо забони тоҷикӣ ва чопи донишномаҳои истилоҳоти илмӣ аз осори классикии тоҷикӣ;
- рушди меъёрҳои услуби адабӣ;
- арзёбии пайвастаи такмилу инкишофи фонди луғавии забони тоҷикӣ;
- ташкили барномаҳои махсус доир ба забони давлатӣ дар радио ва телевизион, нашри мақолаҳо ва маводи иттилоотӣ-таблиғотӣ дар воситаҳои ахбори омма;
- ба роҳ мондани таҳқиқот дар иртибот ба масъалаҳои иҷтимоӣ, асосҳои назария ва амалияи забон;
- пажӯҳиши муқоисавӣ, этнолингвистӣ, лексикӣ, грамматикӣ ва омӯзиши забони илм ва истилоҳоти илмӣ бо забонҳои дигар;
- анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ дар иртибот ба савтиёт, вожасозӣ, грамматика ва луғату истилоҳоти забони тоҷикӣ;
- ба танзим даровардан ва стандарткунонии истилоҳоти соҳавӣ;
- таълифи грамматикаи меъёрии забони тоҷикӣ;
- таҳияи дастури таълимии таърихи забони тоҷикӣ (давраҳои бостон, миёна ва нав);
- истифодаи таҷрибаи таърихии забони тоҷикӣ барои тақвият ва устувории забони давлатӣ;
- милликунонии забони технологияҳои навин, бахусус барномаҳои компютерӣ;
- нашри осори давраҳои гуногуни таърихии забони тоҷикӣ;
- таъсиси низоми иттилоотӣ вобаста ба соҳаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик;
- таҳкими робитаҳо бо марказҳои илмии забоншиносии ҷаҳон дар масоили омӯзиши забони тоҷикӣ;
- нашр ва сабти намунаҳои беҳтарин аз осори гузашта ва муосир;
- баргузор намудани нишасту конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмиву омӯзишӣ, фарҳангӣ ва ғайра дар мавриди рушди забони тоҷикӣ ва татбиқи сиёсати давлатии забон;

- таҳияи барномаи ягонаи омӯзиши забони тоҷикӣ, инчунин дастурҳои таълимӣ-методӣ барои муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- ташкили низоми ягонаи таълими мутахассисони забони тоҷикӣ;

- такмили барнома, нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ барои факултетҳои филологияи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ;

- арзёбии сатҳи омӯзиш ва донистани забони тоҷикӣ ҳамчун забони модарӣ ва забонҳои дигар дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- таҳияи барномаҳои таҳқиқотии дорои бартарияти илмӣ дар иртибот ба таълими забони тоҷикӣ;

- таҳияи барномаҳо ва дастурҳои забони тоҷикӣ дар асоси равишҳои нави омӯзиши забон;

- такмили стандартҳои давлатии таҳсилот дар иртибот ба забони давлатӣ;

- таҳия ва тасдиқи барномаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилашон бо забонҳои дигар;

- таъсиси кабинетҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- ба роҳ мондани омӯзиши марҳила ба марҳилаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии равияи техникии ҷумҳурӣ;

- ташкили омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- таблиғи арзишҳои забони давлатӣ тавассути барномаҳои махсуси телевизионӣ ва радиоӣ барои кишварҳои ҳамзабон ва тоҷикони сокини кишварҳои хориҷӣ;

- баланд бардоштани сатҳи касбии рӯзноманигорон ва кормандони воситаҳои ахбори омма дар иртибот бо донистани забони давлатӣ;

- корбурди забони адабии тоҷикӣ дар воситаҳои ахбори омма ва риояи ҳатмии меъёрҳои он ҳамчун намунаи беҳтарини услуби адабӣ ва забони гуфтории меъёрӣ;

- арзёбии вазъи забони тоҷикӣ ва дурнамои рушди он дар воситаҳои ахбори омма;

- назорати омӯзиш ва риояи ҳатмии қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ барои кормандони воситаҳои ахбори омма, ровиёни телевизион ва радио;

- ташкили дарсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ тариқи онлайн дар шабакаи интернет;

- ворид намудани фарҳангномаҳои электронӣ дар шабакаи интернет;



- таҳия ва эҷоди барномаҳои компютерӣ барои санҷиши имлои забони тоҷикӣ;

- таҳия ва тарҷумаи системаҳои амалиёти компютерӣ ва мобилӣ ба забони давлатӣ;

- таъмин намудани тоҷикони бурунмарзӣ бо китобҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, филмҳо ва наворҳои дигар бо забони давлатӣ;

- ташкили марказҳои омӯзиши забони тоҷикӣ дар назди намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар;

- таҳияи барномаи махсуси омӯзиши забони тоҷикӣ барои тоҷикони муқими кишварҳои хориҷӣ;

- пахши барномаҳои иттилоотӣ оид ба вазъи забони тоҷикӣ дар кишварҳои дигар;

- истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар барои амалӣ кардани сиёсати давлатии забон;

- омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони забони тоҷикӣ, аз ҷумла намояндагони забонҳои дигар;

- ташкили семинарҳои сайёр ва дарсҳои омӯзишии забони давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

- таҳқиқи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии кишвар;

- баррасӣ ва омӯзиши вожаву истилоҳоти таърихии забони тоҷикӣ;

- назорати риояи меъёрҳои адабӣ, хориҷ кардани унсурҳои бегона ва тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ аз забони адабӣ;

- назорати риояи меъёрҳои забони адабӣ дар иртибот ба корбурди луғату истилоҳоти бегона ва гуфтугӯӣ дар воситаҳои ахбори омма;

- муаррифӣ ва таблиғи намунаҳо аз осори хаттии давраҳои таърихии забони тоҷикӣ тавассути воситаҳои ахбори омма;

- нашри намунаҳои мунтахаби осори классикӣ барои кӯдакистонҳои ҷумҳурӣ вобаста ба синну соли кӯдакон, бо мақсади бедор намудани завқи забономӯзӣ ва эҳтирому ифтихор ба забони модарӣ ва фарҳанги миллӣ;

- назорати риояи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар ҳарфкалид (клавиатура)-и компютерӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 5. МАРҲИЛАҲОИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА ВА САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

18. Бахри таъмини рушди устувори забони давлатӣ ва сиёсати давлат дар ин соҳа Барнома дар ду марҳила ва шаш самт роҳандозӣ мегардад. Марҳилаи якуми Барнома солҳои 2020-2025-ро дар бар гирифта, фарогири масъалаҳои таҳияи лоиҳаҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории соҳавӣ, таъмини густариши забони давлатӣ ҳамчун бунёди маънавии миллӣ,

ташхис ва интишори истилоҳоти соҳавиро дар бар мегирад. Марҳилаи дуюм аз соли 2026 то 2030 идома ёфта, роҳҳои амалисозии масъалаҳои таҳқиқотӣ, омӯзишӣ, назорат ва ташкилиро фаро мегирад.

19. Таъмини рушди забони давлатӣ дар Барнома аз рӯйи самтҳои зерин муайян мегарданд:

- омӯзиш, назорат, таҳлил ва амалисозии сиёсати забони давлатӣ;
- андешидани тадбирҳо барои таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ;
- густариши забони давлатӣ ҳамчун бунёди маънавии миллӣ ва тарғибу ташвиқи он дар воситаҳои ахбори омма;
- таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии забони давлатӣ;
- таҳия ва нашри фарҳангномаҳо, муҳовараҳо ва дастурамалҳо;
- таҳкими робитаҳои байналмилалӣ дар ҳимоя ва рушди забони давлатӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 6. УСУЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

20. Усулҳои асосии амалисозии Барнома аз инҳо иборатанд:

- такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии забони тоҷикӣ;
- маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ;
- ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ;
- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ.

## 7. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ БАРНОМА

21. Ҳимояи давлатии забони тоҷикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

22. Татбиқи Барнома ба ташаккули забони тоҷикӣ, рушди иҷтимоиву маънавии ҷомеа, адабиёт ва фарҳанги миллӣ, пешрафти илму маориф, дар маҷмӯъ, худшиносии миллӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ мусоидат менамояд.

23. Натиҷаҳои ниҳоии Барнома аз инҳо иборат мебошанд:

- барои татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёрӣ мерасонад;
- дар заминаи сарчашмаҳои боэътимоди забоншиносӣ ва суннатҳои ҳазорсолаи мардуми тоҷик номҳои таърихии ҷуғрофӣ эҳё ва барқарор мегардад;
- меъёрҳои таърихию суннатии номгузории шаҳрвандон ба танзим дароварда мешавад;
- таҳия ва нашри «Фарҳанги орфоэпии забони тоҷикӣ» бар пояи овонавишти забони тоҷикӣ сурат гирифта, тарзи талаффузи дурусти онҳо дар асоси лексикаи меъёрӣ пешниҳод мешавад;
- дар доираи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» шакли хаттии забони адабии муосири тоҷик танзим шуда, меъёри навишт ва гуфтор муқаррар мегардад;



- маводи конференсия ва ҳамоишҳои илмӣ интишор шуда, барои такмили забони давлатӣ ва рушди арзишҳои маънавӣ, илмӣ ва фарҳангӣ саҳмгузор мегардад;
- пешрафти ҳадафмандонаи забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ, устувории забон дар соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва муоширати сокинони ҷумҳурӣ таъмин мешавад;
- нақши забони давлатиро дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мебардорад;
- ҷиҳати дарёфти роҳҳои омӯзиши забони тоҷикӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот мусоидат менамояд;
- барои таҳияи барномаҳои омӯзишӣ ва илмию фарҳангӣ дар иртибот ба таблиғи забони тоҷикӣ ва осори давраҳои таърихии он дар воситаҳои ахбори омма замина фароҳам меоварад;
- истифодаи фарогири забони давлатиро дар шароити дузабонӣ ва бисёрзабонӣ густариш медиҳад;
- шароити мусоидро барои истифодаи забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ дар саросари ҷумҳурӣ таъмин месозад;
- мақоми забони давлатиро дар минтақаҳои зисти миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ, ки забони модариашон ғайритоҷикӣ мебошад, таҳким мебахшад;
- сатҳи маърифату дониши аҳолиро дар иртибот ба донистани забони давлатӣ дар байни сокинони синну соли гуногун боло мебарад;
- ҷиҳати нашри дастурҳои омӯзиши забони давлатӣ барои миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ мусоидат мекунад;
- барои таҳия ва коркарди дастурҳои меъёрии омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ заминаи мусоид фароҳам месозад;
- дар нашри фарҳангномаҳои дузабона, сезабона, тафсирӣ ва мухтасар ёрӣ мерасонад;
- чопи муҳовараҳоро барои омӯзандагони забони тоҷикӣ ба роҳ мемонад;
- истилоҳоти соҳавиро бо забони давлатӣ танзим мекунад;
- забони барномаҳои компютериро дар технологияҳои компютерӣ ҳамгун месозад;
- забони адабии тоҷикиро дар ҷомеа густариш медиҳад;
- робитаҳои илмӣ-таҳқиқотиро барои пешравии илми забоншиносии тоҷик мустаҳкам месозад;
- савияи тафаккур ва ташаккули шуури миллиро баланд мебардорад;
- сатҳи забондонии шаҳрвандони кишварро такмил медиҳад;
- дастрасии адабиёти бадеии классикӣ ва муосири тоҷикро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ дар шабакаи интернет таъмин менамояд.

## 8. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

24. Барнома аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатӣ пешбинишуда, маблағҳои махсуси вазорату идора, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, инчунин, маблағҳои грантӣ ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.



Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» ноябри соли 2020, № 647

Нақшаи
амалисозии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| | 1. ТАКМИЛИ ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ | | |
| 1. | Таҳияи лоиҳаҳои созишнома оид ба ҳамкории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ дар иртибот ба сиёсати давлат дар бораи забон | Соли 2021 | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. | Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Комиссияи амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Низомнома ва санадҳои дахлдори дигар) | Соли 2021 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 4. | Омода кардани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» оид ба ваколатҳои Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба гузаронидани экспертизаи забоншиносӣ оид ба таҳқир ва паст задани шаъну шараф | Соли 2021 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 5. | Баррасии масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои* | *Соли 2021* | Маркази миллии патенту иттилооти назд[illegible] *Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳу*[illegible] |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» оид ба тамғаҳои молии бақайдгирандаи ватанӣ ва хориҷӣ ба забони давлатӣ тибқи амалияи ҷаҳонӣ | | Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор |
| 6. | Омода намудани дастурамалҳо дар самти таҳияи шиору овезаҳо, эълону реклама, танзим ва қабули истилоҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар самтҳои вобаста ба забони давлатӣ | Солҳои 2021- 2030 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| | **2. ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ, ТАҲИЯ ВА НАШРИ ФАРҲАНГНОМАҲО ВА ДАСТУРАМАЛҲО** | | |
| 7. | Бознашр ва такмилу тасҳеҳи «Луғати имлои забони тоҷикӣ» ва дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани он | Солҳои 2021-2022 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8. | Таҳия ва нашри «Донишномаи забони тоҷикӣ» | Солҳои 2021-2022 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик» |
| 9. | Бознашри «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (нашри соли 1969) мутобиқ ба талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ | Солҳои 2021-2023 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик», Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10. | Нашри Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дастурамали таҳияи шиору овеза ва эълону рекламаҳо» | Соли 2021 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11. | Таҳия ва нашри «Фарҳанги орфоэпии забони тоҷикӣ» | Солҳои 2021-2022 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 12. | Омода кардани дастурҳо оид ба риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ барои наттоқон, рӯзноманигорон, кормандони радио ва телевизион | Соли 2021 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон |
| 13. | Таҳияи барномаиислоҳнигорӣ ва усулҳои дурустнависӣ | Солҳои | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати |



| | | | |
|---|---|---|---|
| | дар компютер | 2022-2023 | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 14. | Ба роҳ мондани махзани электронии маълумот дар иртибот ба сиёсати давлатӣ дар бораи забон | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 15. | Нашри маҷмӯаҳои намунаи асноди коргузорӣ ба забони давлатӣ | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 16. | Такмил ва бознашри луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти биология ва тиб | Солҳои 2022-2024 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 17. | Таҳияи дастурҳои методию таълимӣ ва коргузорӣ барои нобиноён ва ношунавоён ва мутобиқ намудани онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Солҳои 2021-2022 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 18. | Таҳқиқи заминаҳои рушди забони давлатӣ | Солҳои 2021-2025 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ |
| 19. | Таҳия ва нашри китоби «Таърихи забони тоҷикӣ» ва «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ» | Солҳои 2023-2025 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ |
| 20. | Нашри луғатномаҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ | Солҳои 2023-2025 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандаров, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 21. | Бознашри «Фарҳанги русӣ - тоҷикӣ» | Солҳои 2022-2025 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ |
| 22. | Тарҷумаи асарҳои илмӣ ва бунёдии забоншиносӣ ба забони давлатӣ | Мунтазам | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 23. | Нашри барномаҳо, дастурҳои таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар заминаи забони давлатӣ | Солҳои 2021- 2030 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| 24. | Интишори дастурҳои худомӯзии забони тоҷикӣ | Солҳои 2021- 2025 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | …ҳия, тарҷума ва нашри луғатҳои этимологии забони тоҷикӣ | Мунтазам | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| [illegible] | Таҳияи рисолаҳои илмии магистрӣ, номзадӣ, докторӣ ва доктор аз рӯйи ихтисос (PhD) ба забони давлатӣ | Солҳои 2021-2030 | Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ |
| 27. | Таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ | Солҳои 2021-2030 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 28. | Таҳқиқи масъалаҳои услубшиносии забони тоҷикӣ | Солҳои 2021-2030 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 29. | Таҳқиқи лексика, грамматика ва масоили этнолингвистии забонҳои ҳудуди ҷумҳурӣ | Мунтазам | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандаров, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ |
| 30. | Таҳия ва нашри муҳоввараҳо ба забонҳои миллатҳо ва халқиятҳои сокини Тоҷикистон, аз ҷумла, тоҷикӣ-русӣ, тоҷикӣ-қирғизӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ, тоҷикӣ-туркманӣ ва ғайра | Солҳои 2021-2028 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| 31. | Маблағгузории Шӯрои ягонасозии истилоҳот дар таҳия ва нашри луғатномаҳои истилоҳоти техникӣ, тафсирии соҳавӣ ва дузабонаи забонҳои ҳудуди ҷумҳурӣ | Солҳои 2021-2030 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандаров |
| 32. | Нашри мақолаҳо дар бораи саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба рушди забони давлатӣ | Солҳои 2021-2030 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |



| | | | |
|---|---|---|---|
| 33. | Такмил ва бознашри «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» ва «Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ» | Солҳои 2021-2030 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 34. | Интишори тафсирии «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Луғати имлои забони тоҷикӣ» | Солҳои 2021-2030 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| 35. | Омода ва чоп кардани луғатномаҳои истилоҳоту таркиботи илмӣ аз осори классикии тоҷикӣ | Солҳои 2021-2030 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| 36. | Таҳия ва нашри китоби таълимии забони тоҷикӣ аз рӯйи ихтисос | Мунтазам | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ |
| 37. | Таҳияи фарҳангнома ва луғатномаҳои электронии умумӣ ва соҳавӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 38. | Нашри фарҳангномаҳои мухтасари дузабона барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| | **3. ТАДБИРҲОИ НАЗОРАТИИ СИЁСАТИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ** | | |
| 39. | Назорати вазъи иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳои амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот |
| 40. | Риояи ҳатмии муқаррароти «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва меъёрҳои забони адабӣ дар воситаҳои ахбори омма ва муассисаҳои табъу нашр | Мунтазам | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ |
| 41. | Назорат ва экспертизаи забони тарҷумаи асарҳои бадеӣ, | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | илмӣ ва тарҷумаи филмҳо | | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» |
| 42. | Мувофиқа намудани номгузории вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҷамоати шаҳрак ва деҳот, шаҳракҳо, деҳаҳо, маҳаллаҳои аҳолинишин, кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва соҳаҳои дигар), инчунин, номгузории шахсони ҳуқуқӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз тасдиқи қарори маҷлиси вакилони халқ | Мунтазам | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои даҳлдор, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |
| 43. | Ба забони давлатӣ мувофиқ гардонидани номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ (қаторкӯҳ, қулла, кӯҳ, ағба, пирях, дарё, чашма, кӯлҳо, чарогоҳҳо ва ғайра) | Мунтазам | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 44. | Мувофиқа намудани забони матни лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию коргузорӣ, истилоҳоти соҳавӣ, маводи воситаҳои ахбори омма, эълону реклама, маводи иттилоотӣ, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, борпечҳо, борчаспҳо, нархномаҳо, номгузории марказҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои савдо бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам | Вазорату идораҳои даҳлдор, Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороишии шаҳри Душанбе», ширкатҳои истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |



| | | | |
|---|---|---|---|
| | **4. ЧОРАБИНИҲОИ ТАШКИЛӢ, ТАДБИРҲОИ АМАЛИСОЗӢ ВА ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ** | | |
| 45. | Ташкили симпозиум ва конференсияҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2024-2029 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |
| 6. | Баргузории семинару мизҳои мудаввар ба муносибати Рӯзи байналмилалии забонҳои модарӣ ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳамасола | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |
| 47. | Доир кардани семинарҳои сайёр оид ба ташвиқу тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва миёни ақаллиятҳои миллӣ | Солҳои 2021-2030 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ |
| 48. | Таъсиси Комиссияи амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият аз ҳисоби роҳбарони якум | Соли 2021 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |
| 49. | Таъсиси маҷаллаи илмӣ - оммавии «Забон ва истилоҳот» | Соли | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2021 | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | Таъсиси Муассисаи давлатии «Экспертизаи забоншиносӣ ва тарҷума»-и дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Соли 2022 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 51. | Таъмини Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бинои мустақили маъмурӣ | Солҳои 2022-2023 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 52. | Таъсис ва маблағгузории маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забони давлатӣ» | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |
| 53. | Стандарткунонии истилоҳоти соҳавӣ, тасдиқу қабули онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани онҳо дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 54. | Баргузор намудани озмунҳо доир ба беҳтарин донандаи забони тоҷикӣ дар байни таълимгирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, кормандони вазорату идораҳо ва ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистон | Ҳамасола | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ |



| | | | |
|---|---|---|---|
| 55. | Доир намудани олимпиадаи шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ дар муассисаҳои таълимӣ оид ба забони тоҷикӣ | Ҳамасола | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ |
| 56. | Таҳияи наворҳои таблиғотӣ ва баргузор кардани озмунҳо оид ба сиёсати забони давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма | Солҳои 2021-2030 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор |
| 57. | Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар забономӯзии кӯдакон тариқи гузаронидани семинарҳо ва машваратҳои сайёр дар маҳалҳо | Мунтазам | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| 58. | Тавассути воситаҳои ахбори омма тарғиб намудани забон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон, аз ҷумла, таҳия ва пахши навор (ролик) ва барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ оид ба амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Мунтазам | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 59. | Ташкил намудани семинар ва курсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса, ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият | Мунтазам | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият |
| 60. | Ташкили дарсҳои телевизионии омӯзиши забони давлатӣ дар шабакаҳои интернетӣ ва телевизионӣ | Мунтазам | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 61. | Омодасозии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои | Ҳамасола | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Мустақил | | таҳсилоти олии касбӣ |
| 62. | Ҷорӣ намудани таълими забони тоҷикӣ дар ихтисосҳои тарҷумонӣ аз курси якум то охир бо супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанни забони тоҷикӣ | Солҳои 2022-2030 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор |
| 63. | Ташкили ихтисосҳои муҳаррир-забоншинос, муҳаррир-тарҷумон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ | Солҳои 2022-2030 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, , Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдор |
| 64. | Ҷудо намудани квотаҳо бобати омӯзиши забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллӣ дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар | Ҳамасола | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 65. | Ташкили омӯзиши забони имову ишора бо забони давлатӣ дар телевизион | Мунтазам | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 66. | Доир намудани курсҳои такмили ихтисос барои хизматчиёни давлатӣ дар мавзӯъҳои сиёсати давлатӣ дар бораи забон, Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, забони коргузорӣ, малакаи муошират, этикети гуфтори хизматчии давлатӣ | Мунтазам | Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | **5. ҲИМОЯ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | |
| 67. | Баргузории рӯзҳои забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ дар кишварҳои хориҷӣ | Солҳои 2021-2030 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор |
| 68. | Ташкили озмуну чорабиниҳо доир ба забони тоҷикӣ дар байни тоҷикони бурунмарзӣ ва дар муассисаҳои дипломатию консулӣ, созмону ҷамъиятҳои тоҷикон | Солҳои 2021-2030 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони созмону ҷамъиятҳои тоҷикон |



| | | | |
|---|---|---|---|
| 69. | Густариши ҳамкориҳои муассисаҳои дипломатию консулӣ, созмону ҷамъиятҳои тоҷикон дар самти ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ бо ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ | Солҳои 2021-2030 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони созмону ҷамъиятҳои тоҷикон |
| 70. | Бо китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, адабиёти бадеӣ, ва матбуоти даврӣ бо забони давлатӣ таъмин намудани тоҷикони берун аз ҳудуди Тоҷикистон | Мунтазам | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 71. | Ҷудо намудани квотаҳо барои тоҷикони хориҷи кишвар дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ | Ҳамасола | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 72. | Омӯзиши вазъи забони тоҷикони муқими кишварҳои хориҷӣ | Солҳои 2022-2030 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| 73. | Таҳқиқи осори хаттӣ ва тоҷикшиносӣ ба забони тоҷикии маҳфуз дар китобхонаҳои кишварҳои хориҷӣ | Солҳои 2022-2030 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 74. | Ташкили маркази омӯзиши забони тоҷикӣ ва тоҷикшиносӣ дар назди сафоратхонаҳо ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мунтазам | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 75. | Таҳкими робитаҳои илмию таҳқиқотӣ бо пажӯҳишгоҳҳои хориҷӣ дар иртибот ба илми тоҷикшиносӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |